Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «31» майи соли 2021 №17.15 тасдиқ карда шудааст

Стандарти
Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ
(СПҲ -300)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ (минбаъд Стандарт) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СПҲ -100 Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023, Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ, ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ, ISSAI-3910 Консепсияҳои асосии аудити самаранокӣ, ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ, Роҳнамои ширкати байналмилалии машваратии CIPFA (Британияи Кабир) "Оид ба аудити самаранокӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

1.2. Стандарти мазкур меъёрҳо, қоида, тартиб ва талаботҳои асосии ташкил, гузаронидан ва натиҷагирии аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатиро муқаррар менамояд.

1.3. Ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо ва аз тарафи мутахассисон ва дигар кормандони Палатаи ҳисоб поквиҷдонона ва беғаразона иҷро намудани уҳдадориҳои хизматӣ, дар доираи салоҳияти худ таъмин намудани ҳифзи маълумотҳои дорои сирри давлатидошта, инчунин нигоҳ доштани сирри натиҷаҳои аудит ва риояи муҳлати гузаронидани аудитҳо ҳатмӣ мебошад.

## 2. МАЗМУНИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ

2.1. Аудити самаранокӣ – аудити мустақил, холисона ва дурусти чорабиниҳои ҳукуматӣ, низомҳо, амалиётҳо, барномаҳо, амалҳо ва ё

созмонҳо вобаста ба муқаррар намудани мутобиқатии онҳо ба меъёрҳои сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии фаъолияти ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва мавҷудияти имконияти беҳтар кардани он мебошад.

Дар стандарт мафҳумҳои зерин истифода бурда мешавад:

а) сарфанокӣ - ин кам кардани хароҷоти захираҳо мебошад. Захираҳои истифодашаванда бояд сари вақт, ба миқдори дахлдор, сифатнок ва нархи беҳтарин дастрас бошанд;

б) маҳсулнокӣ - яъне аз захираҳои мавҷуда боздеҳи зиёдтар ба даст овардан;

в) натиҷанокӣ - яъне ноил шудан ба мақсадҳои гузоштащуда ва натиҷаҳои пешбинишуда;

г) воситаҳои давлатӣ - яъне маблағҳои буҷети давлатӣ ва амволи давлатӣ.

2.2. Мавзӯи аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатиро, ки тартиби интихоби он бо стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии мазкур муқаррар карда шудааст, ташкил медиҳад.

Дар ҷараёни гузаронидани аудити самаранокӣ ҳолатҳои зерин мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода мешавад:

- ташкили дуруст ва ҷараёни истифодабарии воситаҳои давлатӣ;

.- натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ;

- фаъолияти ташкилоту муассисаҳои аудитшаванда вобаста ба истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва натиҷанокии он.

2.3. Ҳангоми гузаронидани аудити самаранокӣ ташкилоту муассисаҳое, ки нисбат ба онҳо ваколатҳои назоратии Палатаи ҳисоб паҳн мегарданд ҳамчун объектҳои аудит ба ҳисоб рафта, аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили объектҳои аудит дараҷаи сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ муайян карда мешавад.

2.4. Ҳангоми таҳияи хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлили натиҷаҳои мушаххаси фаъолияти объектҳои аудитшаванда дар самти расидан ба мақсадҳо ва ҳалли вазифаҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат омода карда мешавад, талаботхои муқарраргардидаи санадхои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа мавриди арзёбӣ қарор дода шуда, арзёбии қарорҳои сиёсии аз ҷониби мақомоти иҷроия ва ҳокимияти давлатӣ қабулгардидаро дарбар гирад.

2.5. Мақсади аудити самаранокӣ аз сифатан беҳтар намудани чараёни идоракунии захираҳои давлатӣ дар асоси пешниҳоди маълумоти пурра, саҳеҳ ва беғаразона оид ба фаъолияти ташкилотҳое, ки ба раванди буҷет ҷалб гардидаанд, иборат мебошад.

Аудити самаранокӣ ҳисоботро оид ба масъалаҳои иқтисод, молия, самаранокии фаъолияти амалиётӣ ва маъмурии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин тавсияҳоро оид ба такмили қонунгузории буҷетӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод менамояд.

2.6. Вазифаҳои асосии аудити самаранокӣ инҳоянд:

- аудити фаъолияти ташкилоти назоратшаванда ва муайян намудани сабабҳои ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ аз тарафи гирандагони онҳо;

- ҷустуҷӯи таҳлилӣ ва муайян намудани алоқамандии сабабу натиҷаҳои кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва хулосаҳои он;

- ташаккули таркибӣ, муайян намудани тавсияҳо барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои аудитшаванда;

- ба мақомоти қонунгузор додани имконияти баҳодиҳӣ ба натиҷанокии қабули қарорҳо оид ба танзими раванди буҷетӣ;

- таъмини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо маълумот ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳо.

## 3. МУАЙЯН НАМУДАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ДАВЛАТӢ

3.1. Самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар таносуби байни натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва хароҷоти он, ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳо ифода ёфта, он мафҳумҳои сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодабарии воситаҳои давлатиро дарбар мегирад.

Сарфанокӣ таносуби нисбатан беҳтари байни захираҳо ва натиҷаҳои истифодабарии онҳоро ифода намуда, маҳсулнокӣ истифодаи дурусту оқилонаи захираҳо тавсиф карда, натиҷанокӣ дараҷаи расидан ба мақсадҳои ниҳоии пешбинишуда ва ё ҳалли вазифаҳои ба зимма гузоштаро муайян менамояд.

Ҳангоми гузаронидани аудити самаранокии мушаххас то кадом дараҷа аз ҷониби объекти аудит ба таври сарфанок, маҳсулнок ва

натиҷанок истифода бурда шудани воситаҳои давлатӣ ҷиҳати расидан ба мақсадҳои нақшавӣ, ҳалли вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда, иҷрои функсияҳои ба ӯҳда дошта ва ё ҳар кадоме аз ин вазифаҳо дар алоҳидагӣ муқаррар карда мешавад.

3.2. Сарфанокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ алоқаи байни ҳаҷми воситаҳои давлатии аз ҷониби объекти аудит ҷиҳати амалигардонии фаъолият истифодашуда ва дараҷаи натиҷаҳои ба даст овардаро бо назардошти таъмини дахлдори сифати он ифода менамояд.

Дар сурати ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда аз ҷониби объекти аудит бо татбиқи ҳаҷми нисбатан камтари воситаҳои давлатӣ (сарфанокии мутлақ) ва ё бо истифодаи харҷи воситаҳои давлатии пешбинишуда ба даст овардани натиҷаҳои нисбатан баланд (сарфанокии нисбӣ), истифодаи воситаҳои давлатӣ сарфанок эътироф карда мешавад.

Ҳолати ба теври сарфанок истифода намудани воситаҳои давлатӣ аз ҷониби объекти аудит тавассути омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳо ва усулҳои ба даст овардани (харидории) захираҳо (масалан, гузаронидани озмунҳо), инчунин муқоисаи воситаҳои сарфшуда ҷиҳати ба даст овардани (харидории) захираҳо бо нишондиҳандаҳои шабеҳи давраи қаблӣ ё нишондиҳандаҳои дигар ташкилотҳо дар ин мавзӯъ муайян карда мешавад.

Барои арзёбии сарфанокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ муайян намудани имконияти ба даст овардани (харидории) захираҳо бо роҳи сарфанок, истифодаи нисбатан дуруст ва оқилонаи он ҷиҳати расидан ба мақсадҳо дар асоси истифодаи камтари ҳаҷми воситаҳои давлатӣ ва ё ба даст овардани натиҷаҳои баланди фаъолият бо истифода аз ҳаҷми камтари воситаҳои пешбинишуда, зарур мебошад.

3.3. Маҳсулнокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ бо роҳи таносуби байни ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (хизматрасониҳо ва дигар натиҷаҳои фаъолияти объекти аудит) ва захираҳои сарфшудаи моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳо ҷиҳати ба даст овардани чунин натиҷаҳо муайян карда мешавад.

Дар сурати баробар ва ё кам будани хароҷоти захираҳо барои як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ ё ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ ба як воҳиди хароҷот нисбат ба нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи дахлдор, истифодаи воситаҳои давлатӣ ҳамчун маҳсулнок, арзёбӣ карда мешавад.

Ҷиҳати арзёбии маҳсулнокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ натиҷаҳои нақшавӣ ва воқеии натиҷаи фаъолияти объекти

аудит, ки дар намуди нишондиҳандаҳои микдории дахлдор ифода ёфтааст, инчунин меъёрҳои муқарраргардидаи хароҷотҳои буҷетӣ барои хизматрасониҳои давлатӣ ва дигар меъёрҳои муайянкунандаи дараҷаи хароҷоти намудҳои захираҳои гуногун, бояд татбиқ карда шавад.

Дар сурати муқаррар нагардидани чунин меъёрҳо таносуби воқеии бадастомада байни хароҷотҳо ва натиҷаҳо бо таносуби шабеҳи бадастовардаи объекти аудит дар давраи қаблӣ ва ё таносуби байни хароҷот ва натиҷаҳо дар дигар ташкилоту муассисаҳо, ки дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ фаъолият доранд, бо роҳи муқоисакунӣ амалӣ карда мешавад.

3.4. Натиҷанокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ аз рӯи дараҷаи ноил гардидан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ё фаъолияти объекти мавриди аудити самаранокӣ қарор гирифта, муайян карда шуда, он муайян намудани натиҷанокии иқтисодӣ ва самараи иҷтимоию иқтисодии фаъолиятро дарбар мегирад.

Дар навбати худ, натиҷанокии иқтисодӣ бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ, фаъолияти ба нақша гирифташуда ё ба он ноилгардидаи объектҳо, ки дар намуди маҳсулотҳои мушаххаси фаъолият (ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, хизматрасониҳо, шумораи шахсони ба хизматрасонӣ фаро гирифта шуда ва ғайра) баромад менамоянд, муайян карда мешавад.

Муайян намудани самараи иҷтимоию иқтисодии воситаҳои давлатӣ бошад, дар асоси таҳлили дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳои муқарраргардидаи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳалли вазифаҳои пешбинишуда, ки ҷиҳати он воситаҳои давлатӣ истифода карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Самараи иҷтимоию иқтисодӣ таъсири натиҷаҳои иқтисодии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ё фаъолияти объектҳои аудитшавандаро ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи иқтисодиёт, ҷамъият, қисми аҳолӣ ё гурӯҳи одамон, ки воситаҳои давлатӣ барои манфиати онҳо истифода бурда шудааст, нишон медиҳад.

3.5. Дар ҷараёни аудити самаранокӣ муайян намудани натиҷанокии иқтисодии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, ошкор ва арзёбии самараи иҷтимоию иқтисодии ба даст овардашуда зарур буда, дар асоси арзёбии маҷмӯи ин ҳолатҳо имконияти баровардани хулосаҳои асоснок вобаста ба дараҷаи самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар сурати дар ҳаҷми пурра хароҷот намудани воситаҳои буҷетӣ барои хизматрасониҳои муайян ва натиҷаи хароҷоти воситаҳои буҷетӣ ба ҳисоб рафтани хизматрасониҳои мазкур дар дараҷаи ба нақша гирифташуда ва сифати талаб гардида, ки қонеъ гардонидани талаботи пешбинишударо таъмин карда наметавонад, самараи иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун бағоят дар сатҳи паст қарордошта, арзёбӣ мегардад.

Ҳангоми муайян намудани самараи иҷтимоию иқтисодии истифодабарии воситаҳои давлатӣ ошкор ва мавриди таҳлил қарор додани омилҳои таъсирдошта, ки ба истифодабарии воситаҳои давлатӣ ё фаъолияти объекти аудитшаванда алоқамандӣ надорад, инчунин арзёбии дараҷаи таъсири он ба самараи иҷтимоию иқтисодии мазкур зарур мебошад.

## 4. ХУСУСИЯТИ ХОСИ ТАШКИЛИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ

4.1. Гузаронидани аудити самаранокӣ бо назардошти қоидаҳои умумии гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, ки бо стандарти мазкур муқаррар карда шудааст, дар чор марҳила амалӣ карда мешавад.

Дар марҳилаи аввал бо мақсади муайян намудани мақсадҳои аудити самаранокии мушаххас, масъалаҳои омӯзиш ва таҳлил, интихоби мавзӯъ, меъёрҳои арзёбии самаранокӣ ва усулҳои гузаронидани он, ки аз натиҷаи он барномаи гузаронидани аудити самаранокӣ омода карда мешавад, мавзӯъ ва соҳаи фаъолияти объекти аудит мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Дар марҳилаи дуюми аудити самаранокӣ омӯзиш ва таҳлили натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ тибқи саволҳои барнома бевосита дар объекти аудит гузаронида шуда, дар ҷараёни он нишондиҳанда ва маълумотҳои воқеӣ, ки ҷиҳати ба даст овардани далелҳо зарур аст, ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шуда, аз натиҷаи он санад ва дигар ҳуҷҷатҳои корӣ тахия гардида, ҳамчун асосҳои бунёдӣ барои омода намудани хулоса ва пешниҳод истифода карда мешаванд.

Дар марҳилаи сеюми аудити самаранокӣ аз натиҷаи он ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳо омода гардида, хулоса ва пешниҳодро дар бар мегирад.

Дар марҳилаи чорум нисбати чи гуна анҷом додани фаъолияти минбаъда дар заминаи ҳисоботҳо оид ба аудити самаранокӣ тавсияҳо дода мешавад ва иҷрои пешниҳоду тавсияҳои дар ҳисоботи аудиторӣ дарҷгардида оид ба натиҷаи аудити анҷомдодашуда таҳти назорат ва омӯзиш қарор дода шуда, ба таври дахлдор ба он баҳо дода мешавад.

4.2 Тартиби тавсияшавандаи амалҳо дар ҷараёни ташкил ва

гузаронидани аудити самаранокӣ дар замимаҳои Стандарти мазкур пешбинӣ карда мешаванд.

- фаъолият пас аз анҷом додани аудит.

4.3. Ташкили аудити самаранокӣ вобаста ба тамоми нишондиҳандаҳои асосии чорабиниҳои назоратӣ аз ташкил ва гузаронидани аудити молиявӣ фарқияти ҷиддӣ дошта, ин ҳолат аз нисбатан мураккаб будани методологияи гузаронидани он, оғоз бахшида аз омӯзиши пешакии мавзӯъ ва соҳаи фаъолияти объекти аудит то ба расмият даровардани ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ вобастагӣ дорад.

Дар ҷараёни аудити самаранокӣ ҳаҷми нисбатан зиёди усул ва чорабиниҳои назоратӣ, таҳлилӣ ва арзёбишаванда истифода карда шуда, ҷиҳати ташаккули далелҳо маълумоти васеъ ҷамъ оварда шуда, шумораи зиёди ҳуҷҷат ва маводҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, ки харҷи нисбатан зиёди вақт ва захираҳои молиявию меҳнатиро талаб менамояд.

Хусусияти хоси амалӣ намудани аудити самаранокӣ дар муҳлати гузаронидани он, ки бояд доираи вақти муайянро дар бар гирифта бошад, инчунин дар таносуби сарфи вақт байни марҳилаҳо, ки дар ҳар ҳолати мушаххас вобаста аз мақсадҳо, хусусияти мавзӯъ, объектҳо ва миқёси гузаронидани аудити самаранокӣ метавонад тағйирёбанда бошад, ифода меёбад.

4.4. Барои бо муваффақият ва сифатнок гузаронидани аудити самаранокӣ мавҷуд будани дониши муайян ва мукаммали касбӣ дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти объекти аудитшаванда зарур мебошад.

4.5 Тибқи муқаррароти Дастурамалҳои дахлдори Палатаи ҳисоб экспертҳои мустақили беруна ба ҷараёни гузаронидани аудити самаранокӣ бо роҳи дохил намудани онҳо ба ҳайати гурӯҳи корӣ ҷиҳати иҷрои супоришҳои алоҳида, омода намудани ахборотҳои таҳлилӣ, хулоса ва арзёбии ташхисӣ ҷалб карда мешаванд.

## 5. ОМӮЗИШИ ПЕШАКИИ МАВЗӮЪ ВА СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ОБЪЕКТҲОИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ

### §1. Мазмуни омӯзиши пешакии мавзӯъ ва соҳаи фаъолияти объектҳои аудити самаранокӣ

5.1. Ҳангоми гузаронидани ҳар як аудити самаранокии мушаххас марҳилаи омӯзиши пешакии мавзӯъ ва соҳаи фаъолияти объектҳо, ки барои омода ва татбиқи аудит ва арзёбии натиҷаҳои истифодабарии

воситаҳои давлатӣ зарур мебошад, амалӣ карда мешавад.

Дар рафти омӯзиши пешакии зикргардида ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

- мақсадҳои аудити самаранокӣ, масъалаҳои омӯзиш ва таҳлил;
- тарзу усулҳои гузаронидан ва ҷамъоварӣ намудани нишондиҳандаҳо ва маълумотҳои воқеӣ;
- меъёрҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ.

Аз натиҷаи омӯзиши пешакӣ барномаи гузаронидани аудити самаранокӣ таҳия гардида, омӯзиши пешакӣ бояд тавре гузаронида шавад, ки тибқи он то оғози аудит бевосита дар объект мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани доираи масъалаҳои зарурӣ, тартиби ташкил ва гузаронидани аудит бо харҷи нисбатан кам муайян карда шавад.

5.2. Ҷиҳати сифатнок гузаронидани омӯзиши пешакии объекти аудити самаранокӣ тавсия дода мешавад, ки нақшаи корӣ таҳия карда шуда, тибқи он номгӯи саволҳо вобаста ба омӯзиш ва сарчашмаҳои ба даст овардани маълумотҳо, мӯҳлати омӯзиши ин масъалаҳо ва пешниҳоди маводҳо муқаррар карда шавад.

5.3. Дар ҷараёни омӯзиши пешакӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти зарурии ба мавзӯи аудити самаранокӣ ва соҳаи фаъолияти объекти аудит дахл дошта, амалӣ карда шуда, хавфҳои ҷойдоштаи истифодаи ғайрисамараноки воситаҳои давлатӣ ошкор ва мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо ташкилотҳои мустақил ва экспертҳои (мутахассисони) беруна, инчунин дар ҳолатҳои имконпазир бо роҳбарият ва дигар кормандони масъули объекти аудит машваратҳо гузаронида мешавад.

5.4. Натиҷаи омӯзиши пешакии мавзӯи аудити самаранокӣ ва объектҳои аудитшаванда бо ҳуҷҷатҳои корӣ ба расмият даровarda шуда, он бояд маводҳои таҳлилӣ ва дигар маводҳоеро, ки барои мақсадҳои интихобгардидаи аудити самаранокӣ, масъалаҳои омӯзиш ва таҳлил, усул ва тарзҳои гузаронидан ва ҷамъоварӣ намудани нишондиҳанда ва маълумотҳои воқеӣ, меъёрҳои арзёбии самаранокии истифодабари воситаҳои давлатӣ асос гардидааст, дар бар гирифта бошад.

### §2. Мақсад ва масъалаҳои аудити самаранокӣ

5.5. Барои амалӣ намудани аудити самаранокии мушаххас интихоби якчанд мақсадҳо, ки ҳудуди мазмуни мавзӯи дар номгӯи он ифодаёфтаро муайян менамояд, зарур буда, тибқи он ифодаи мақсадҳои мазкур бояд ҷавобгӯ ба асосҳои арзёбии самаранокии истифодабарии

воситаҳои давлатӣ дар доираи мавзӯи аудити самаранокӣ ва фаъолияти объектҳои аудит бошад.

5.6 Интихоби мақсад бо роҳи ба таври муттасил хориҷ намудани номгӯи масъалаҳои мазмуни мавзӯи аудити самаранокӣ ва фаъолияти объектҳои аудит, ки вобаста аз натиҷаи омӯзиши пешакӣ онҳо дорои масъалаҳои ҳалталаби манфии ҷиддӣ нестанд, амалӣ карда мешавад.

Мақсади аудити самаранокӣ бояд ба ҷанбаҳои соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объекти аудит, ки дар ин ҷанбаҳо дараҷаи баланди хавфи истифодаи ғайрисамараноки воситаҳои давлатӣ ошкор карда шудааст, равона карда шавад, то ин ки натиҷаҳои аудити мазкур самараи дилхоҳ дода тавонад.

Инчунин мақсади аудити самаранокӣ бо назардошти мазмуни мақсадҳо ва вазифаҳои соҳаи аудитшавандаи истифодаи воситаҳои давлатӣ, фаъолияти объектҳои аудитшаванда, натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи иҷроиш ва ноил гардидан ба онҳо, муайян карда шавад.

5.7. Мақсади аудити самаранокӣ бояд ба таври дақиқ тасвия ёфта, мафҳумҳои сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодабарии воситаҳои давлатиро дар маҷмӯъ ва ё арзёбии онҳоро дар вобастагии гуногун, ки тибқи он имконияти додани хулоса ва пешниҳоди ҷавобгӯ ба он аз натиҷаи аудити самаранокӣ фароҳам мегардад, дар бар гирифта бошад.

5.8. Саволҳои аудити самаранокӣ вобаста ба ҳар як мақсад муайян карда шуда, бояд ба ин мақсад мутобиқат дошта бошад. Дар баробари ин, номгӯ ва мазмуни саволҳо тавре бояд таркиб ѐфта бошад, ки натиҷаи омӯзиш ва таҳлили онҳо ноил гардидан ба мақсадҳои пешбинигардидаи аудити самаранокиро таъмин карда тавонад.

Инчунин шумораи саволҳо вобаста ба ҳар як мақсади аудити самаранокӣ мутаносибан зиёд набуда, бояд ҷиҳати муайян намудани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда муҳим ва ҷиддӣ бошанд.

§3. Меъёрҳои арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ

5.9. Меъёрҳои арзёбии самаранокӣ дар хусусияти сифатӣ ва миқдории ташкилот, ҷараён ва натиҷаҳои истифодаи воситаҳои давлатӣ ё фаъолияти объекти аудит ифода ёфта, тибқи он чӣ гуна фаъолият намудани ташкилот ва ҷараёнҳо, кадом натиҷаҳо ба ҳисоб рафтани далели самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, муайян карда мешавад.

Меъёрҳои арзёбии самаранокӣ барои ҳар як мақсади

муқарраргардидаи аудити самаранокӣ интихоб гардида, он бояд ба мақсадҳои аудит мутобиқат гардонида, ҷиҳати додани хулоса оид ба самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ (сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокӣ) имконият фароҳам оварда, бо роҳи муқоисаи нишондиҳандаҳои воқеӣ аз натиҷаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ, ки дар рафти омузиш ва таҳлил тибқи меъёрҳои муқарраргардида ба даст оварда шудааст, амалӣ карда мешавад.

5.10. Интихоби меъёрҳои арзёбии самаранокӣ дар ҷараёни омӯзиши пешакии мавзӯи аудити самаранокӣ ва фаъолияти объектҳои аудит баъд аз муайян намудани мақсадҳои он дар асоси таҳлили сарчашмаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба мавзӯи аудити самаранокӣ ва фаъолияти объектҳои аудит, ки қоида, талаботҳо, чорабиниҳои ташкил ва нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатиро муқаррар менамоянд;

- натиҷаҳои фаъолияти объектҳои аудитшаванда дар давраҳои қаблӣ ва ё фаъолияти дигар ташкилоту муассисаҳо, ки фаъолияти худро дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ амалӣ менамоянд ва ё намудҳои фаъолияти шабеҳро иҷро менамоянд;

- маводҳо оид ба маълумотҳои дахлдори омори давлатӣ.

5.11. Сифати натиҷаҳои аудити самаранокӣ дар дараҷаи нисбатан зиёд аз муайян намудани меъёрҳои дақиқи арзёбии самаранокӣ, ки бояд холисона, саҳеҳ, муқоисашаванда ва кофӣ бошанд, вобастагӣ дорад.

Холисона будани меъёрҳо дар он ҳолат ҳисобида мешавад, ки агар онҳо дар натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объекти аудит интихоб гардида, хусусиятҳои онро ифода намуда, ба мақсадҳои аудити самаранокӣ мувофиқат дошта бошад.

Саҳеҳии меъёрҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо дуруст ифода карда шуда, маънои духурагӣ надошта, аз тарафи аудиторон, объекти аудитшаванда ва истифодабарандагони минбаъдаи ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ мавриди шарҳи гуногун қарор надошта бошад.

Муқоисашаванда будани меъёрҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ба меъёрҳои арзёбишавандаи самаранокии зимни гузаронидани аудити самаранокии шабеҳ дар соҳаи мазкури истифодабарии воситаҳои давлатӣ ё объектҳои монанд алоқамандӣ дошта, инчунин метавонанд зимни гузаронидани аудити самаранокии шабеҳ мустақилона татбиқ карда шаванд.

Дар сурати фароҳам будани имконият, ки дар асоси маҷмӯи меъёрҳо хулосаҳои асоснок вобаста ба самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, тибқи мақсадҳои пешбинигардидаи аудити самаранокӣ таҳия карда мешавад, меъёрҳо кофӣ ба ҳисоб меравaнд.

5.12. Вобаста аз хусусияти мавзӯи аудити самаранокӣ ва соҳаи фаъолияти объекти аудит миқдори меъёрҳои арзёбии самаранокӣ дар ҳар як аудити самаранокии алоҳида метавонад гуногун буда, дар баробари ин зарур аст, ки ҷиҳати ташаккули хулосаҳои асоснок аз натиҷаи аудити самаранокӣ мувофиқи мақсадҳои пешбинигардида, таркиби ин меъёрҳо кофӣ бошанд.

5.13. Дар ҷараёни интихоби меъёрҳо бо роҳбарияти объекти аудит ва дигар мақомотҳои давлатии манфиатдор муҳокима ва мувофиқа намудани номгӯи меъёрҳои ба барномаи аудити самаранокӣ дохил намуда, ки зимни арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ татбиқ карда мешаванд, мувофиқи мақсад бошанд.

Дар сурати рад гардидани мувофиқагардонии номгӯи меъёрҳо ва ё меъёрҳои алоҳида аз ҷониби роҳбарияти объекти аудит ва дигар мақомотҳои давлатии манфиатдор, масъалаи мазкур аз ҷониби сараудитори Палатаи ҳисоб ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

### §4. Усулҳои гузаронидани аудити самаранокӣ

5.14. Дар рафти омӯзиши пешакӣ интихоб намудани усулҳои гузаронидани аудити самаранокӣ бо назардошти масъалаҳои ҳалталаби бо самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ алоқаманд, ки чун қоида ҷой дошта, он дар шаклҳои гуногун зоҳир ёфта, ба таври кофӣ алоқаи мураккаби маҷмӯии сабабию натиҷавӣ доранд, зарур мебошад.

Усулҳои амалӣ намудани аудити самаранокӣ вобаста аз мазмуни мавзӯъ, хусусияти фаъолияти объектҳои аудит ва мақсадҳои аудити самаранокии мушаххас метавонад гуногун бошад.

5.15. Аудити самаранокӣ тавассути омӯзиш ва таҳлили ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ташкили дурусти истифодабарии воситаҳои давлатӣ;
- натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ;
- ҷанбаҳои алоҳидаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва ё соҳаи фаъолияти объектҳои аудит.

5.16. Омӯзиш ва таҳлили ҳолати ташкили истифодабарии воситаҳои давлатӣ ҳамчун қоида амали ибтидоии гузаронидани аудити самаранокӣ ба ҳисоб рафта, тибқи меъёрҳои муқарраргардида сохтори идоракунӣ, банақшагирӣ, омӯзиш (мониторинг) ва назорат

дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад.

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлил ҳолатҳои фаъолият намудан, эътимоднок ва натиҷанок будани фаъолияти назорати дохилӣ дар объектҳои аудитшаванда, қобилияти дар сатҳи дахлдор таъмини ноил гардидан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ муайян карда шуда, ҳамчун қоида қисматҳои сохтори назорат, ки дар он имконияти ҷой доштани дараҷаи баланди хавфи боварибахш набудани он мавҷуд аст, мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафа қарор гирифта, инчунин таъсири ин ё он қисмати сохтори назорат барои ноил гардидан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташуда низ ба инобат гирифта мешавад.

Дар сурати ба таври кофӣ ва самаранок фаъолият намудани сохтори назорати дохилӣ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки натиҷаҳои ниҳоии ба даст овардашуда дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва дар фаъолияти объекти аудит комилан қонеъкунанда буда, аудити махсусро талаб намекунад.

5.17. Зимни таҳлили натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда арзёбии муқоисавии натиҷаҳои воқеӣ ва ба нақша гирифта шуда, гузаронида мешавад. Дар баробари ин, дар марҳилаи ибтидоӣ на ин ки ҷараён ва усулҳои татбиқшаванда ҷиҳати ноилгардӣ ба мақсадҳо, балки натиҷаҳои фаъолият мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад. Бо мақсади арзёбии сифатнок ва миқдории натиҷаҳои ноилгардидаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ, ҷой доштани меъёрҳои дахлдор зарур мебошад.

Дар сурати қонеъкунанда набудани натиҷаҳои ба даст овардаи фаъолияти объекти аудит ва мутобиқат надоштани он ба меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ, аудит то дараҷае бояд идома дода шавад, ки сабабҳои мушаххаси ба чунин натиҷаҳо мусоидаткунанда, ошкор карда шавад.

Қонеъкунанда будани натиҷаҳо онро ифода менамояд, ки хавфи нисбатан ками ҷой доштани камбудиҳои ҷиддӣ дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объекти аудит мавҷуд буда, дар ин ҳолат мавҷуд будани захираҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои нисбатан баланд муайян карда шуда, вобаста ба баланд гардонидани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, пешниҳод таҳия карда мешаванд.

5.18. Барои гузаронидани омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ интихоби чунин ҷанбаҳои мушаххас дар соҳаи аудитшаванда ва ё дар фаъолияти объектҳои аудит зарур

мебошад, ки натиҷаи омӯзиш ва таҳлили онҳо на танҳо барои хулосаи ҷамъбастӣ вобаста ба истифодабарии воситаҳои давлатиро дар доираи мавзӯи аудити самаранокӣ имконият фароҳам оварда тавонад, балки барои баланд намудани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар тамоми соҳаи аудитшаванда ва ё барои мукаммал гардонидани фаъолияти дигар ташкилот ва муассисаҳо дар соҳаи мазкур истифода карда шаванд.

Интихоби ҷанбаҳои мушаххаси истифодабарии воситаҳои давлатӣ бо назардошти дараҷаи таъсири он ба натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва ё ба фаъолияти объекти аудит амалӣ карда шуда, бо мақсадҳо ва масъалаҳои аудити самаранокӣ муайян карда мешавад.

Дар сурати ошкор намудани камбудиҳои ҷиддӣ ва масъалаҳои ҳалталаб аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои интихоб гардида, он барои хулосабарорӣ оид ба ғайрисамаранок истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар доираи мавзӯи аудити самаранокӣ асос шуда метавонад.

5.19. Усулҳои гузаронидани аудити самаранокӣ дар ҳамбастагиҳои гуногун вобаста аз мақсадҳои пешбинишуда метавонад татбиқ гардида, дар асоси усулҳои интихобгардидаи гузаронидани аудити самаранокӣ усулҳои амалӣ намудани аудит, ҷамъ овардан ва таҳлили нишондиҳандаҳои воқеӣ ва иттилоот тибқи меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ муайян карда мешаванд.

### §5. Барномаи гузаронидани аудити самаранокӣ

5.20. Аз натиҷаи омӯзиши пешакӣ аз ҷониби роҳбари чорабинии назоратӣ лоиҳаи барномаи аудити самаранокӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ таклифҳои асоснокшуда вобаста ба аниқ ва ё тағйири номгӯ ва объекти аудити самаранокӣ омода гардида, ба сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, пешниҳод карда мешавад.

5.21. Дар рафти таҳияи барномаи гузаронидани аудити самаранокӣ ба роҳбарӣ гирифтани муқаррароти дахлдори стандарти мазкур, ки сохтор, мазмун ва шакли барномаи гузаронидани чорабинии назоратиро муқаррар менамояд зарур буда, иловатан ба мазмуни барномаи чорабинии назоратӣ, вобаста ба ҳар як мақсади он номгӯи меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ пешбинӣ карда мешавад.

## 6. ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТ ДАР ОБЪЕКТҲО, ҶАМЪ ОВАРДАН ВА ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДА ВА ИТТИЛООТҲОИ ВОҚЕӢ

### §1. Ҷамъ овардан ва таҳлили нишондиҳанда ва иттилоотҳои воқеӣ

6.1. Нишондиҳанда ва иттилоотҳои воқеӣ аз натиҷаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ тавассути гузаронидани аудити фаъолияти объектҳои аудити самаранокӣ, инчунин омӯзиши ҳуҷҷат ва маводҳо, аз ҷумла ҳуҷҷат ва маводҳои аз дигар сарчашмаҳо ба даст овардашуда, ки ба мавзӯи аудит дахл дорад, ҷамъ оварда мешаванд.

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур далелҳо ташаккул ёфта, бо мақсадҳои зерин истифода карда мешаванд:

- муайян намудани ҳолати мутобиқат доштани натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объектҳои аудит ба меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ;

- асоснок намудани хулосаҳо оид ба камбудиҳои ошкор гардида ва хулосабарорӣ вобаста ба натиҷаҳои аудити самаранокӣ;

– ошкор намудани имкониятҳо ҷиҳати мукаммал гардонидани фаъолияти объектҳои аудит ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, инчунин таҳияи пешниҳоди дахлдор.

Дар таркиби далелҳо, нишондиҳанда ва иттилоотҳои воқеӣ, ки дар ҷараёни омӯзиши пешакии мавзӯи аудити самаранокӣ ва дар объектҳои аудит дар марҳилаи гузаронидани аудит ба даст оварда шудааст, бояд истифода бурда шавад.

6.2. Дар тафовут аз аудити молиявӣ, ки вобаста ба он далелҳо ҳолатҳои ошкоргардидаи риоя нагардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тасдиқ менамояд, далелҳои дар рафти гузаронидани аудити самаранокӣ ба даст овардашуда бовариро вобаста ба ҷой доштани камбудиҳо дар фаъолияти объекти аудит, ки ба ҳолати аз ҷониби онҳо ғайрисамаранок истифодабарии воситаҳои давлатӣ оварда мерасонад, бояд таъмин намояд.

Ҷиҳати эътимоднок будани далелҳо, ки барои асосноккунии хулоса аз натиҷаи аудити самаранокӣ истифода карда мешавад, аз сарчашмаҳои гуногун (ҳисоботҳои молиявӣ ва оморӣ, ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо) ба даст овардани он ва дар шаклҳои гуногун пешниҳод намудан, ки маҷмӯи онҳо далелҳои моддӣ, ҳуҷҷатӣ, шифоҳӣ ва таҳлилиро дарбар мегирад, мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷараёни ҷамъ овардани нишондиҳандаҳои воқеӣ бояд тавре ташкил карда шавад, ки хулосаҳои ташаккулёфта дар асоси далелҳои ҷамъ овардашуда аз натиҷаи аудити самаранокӣ, имконияти ифода намудани таҳлили қатъиро дошта бошад.

6.3. Нишондиҳанда ва иттилоотҳои воқеии ба даст овардашуда аз натиҷаҳои аудит дар объект дар санад ифода гардида, он тибқи талаботҳои стандарти мазкур ба расмият дароварда мешавад. Маълумотҳои ҷамъ оварда ва тартиб додашуда, аз натиҷаи таҳлили

ҳуҷҷат ва маводҳо, ки аз дигар сарчашмаҳо ба даст оварда шудааст, дар ҳуҷҷатҳои корӣ қайд карда мешаванд.

§2. Усулҳои ба даст овардани иттилоот

6.4. Аудити самаранокӣ метавонад бо истифода аз усулҳои гуногуни ба даст овардан ва таҳлили иттилоот истифода намояд. Интихоби он бояд тавре амалӣ карда шавад, ки татбиқи он имконияти ба даст овардани далелҳои мукаммал ва дар асоси он ташаккули хулосаи ҷамъбастиро таъмин карда тавонад.

6.5. Сарчашмаи иттилооти аввалия чунин нишондиҳандаҳои воқеӣ шуда метавонанд, ки тавассути гузаронидани таҳқиқ бо усули ҷамъ овардани нишондиҳандаҳо аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оварда шуда, ба мавзӯъ ва фаъолияти объекти аудити самаранокӣ муносибати бевосита дорад.

Зимни ҳалли масъалаи гузаронидани таҳқиқ бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- то кадом андоза нишондиҳандаҳои ба даст овардашуда метавонанд барои хулосабарории дахлдор вобаста ба масъалаи ҳалталаби баррасишаванда истифода карда шавад;

- ҷой доштани маълумоти аллакай мавҷуда вобаста ба масъалаи ҳалталаби мазкур дар дигар ташкилотҳо, ки ба ҷамъ овардани нишондиҳандаҳои мувофиқ ва натиҷаҳои таҳқиқҳои гузаронидашудаи ба мавзӯи аудити самаранокӣ дахлдошта, мансуб мебошанд;

- имконияти амалӣ намудани интихоби шахсон ва ташкилотҳо ҷиҳати ба даст овардани маълумотҳо, ки он имконияти хулосабарории ҷамъбастиро вобаста ба тамоми масъалаҳои халталаби омӯзишшаванда фароҳам оварда тавонад;

- мавҷуд будани захираҳои зарурӣ барои гузаронидани таҳқиқ.

Таҳқиқ метавонад бевосита аз ҷониби кормандони Палатаи ҳисоб ва ё дигар мутахассисони ҷалбгардида гузаронида шуда, ҳуҷҷатҳои шакли муқарраргардида ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ бояд омода гардида, интихоби асосноки объектҳои таҳқиқ амалӣ карда шуда, дар ҳуҷҷатҳои корӣ дарҷ намудани усулҳои дар ҷараёни таҳқиқ истифодашуда, зарур аст.

## 7. ОМОДА ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ НАТИҶАҲОИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ

§1. Хулоса ва натиҷабарорӣ

7.1. Омода намудани натиҷаҳои аудити самаранокӣ аз таҳлил ва муқоисаи ҳаматарафаи нишондиҳанда ва иттилоотҳои (далелҳо)

ҷамъовардашуда, ки дар ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои кории дар ҷараёни аудит аз рӯи меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ таҳияшуда дарҷ гардидааст, бояд оғоз карда шуда, аз натиҷаи чунин муқоисанамоӣ хулоса таҳия гардида, дар он дараҷаи мутобиқат доштани натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва ё фаъолияти объекти аудит ба меъёрҳои арзёбии самаранокӣ бояд ифода карда шавад.

Дар сурати мутобиқат доштани натиҷаҳои воқеии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва ташкили фаъолияти объектҳои аудит ба меъёрҳои муқарраргардида, ин ҳолат истифодабарии самараноки воситаҳои давлатиро дар сатҳи дахлдор ифода менамояд. Баръакс мутобиқат надоштани ин ҳолатҳо аз ҷой доштани камбудиҳо дарак дода, беҳтар намудани ташкили фаъолияти объектҳои аудитро вобаста ба истифодабарии воситаҳои давлатӣ, талаб менамояд.

Дар сурати ошкор гардидани камбудиҳо дар хулоса бояд ҳолатҳои мушаххас, ки аз ғайрисамаранок истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва ё объектҳои аудит шаҳодат медиҳанд, дарҷ карда шаванд.

7.2. Зимни гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва омода намудани хулоса аз натиҷаи он бояд танҳо нишондиҳандаҳои воқеии ба даст оварда, ки барои хулосабарорӣ ҳамчун далелҳои эътимоднок ба ҳисоб меравад, ба асос гирифта шаванд.

Дар ин асос вобаста ба ҳар як мақсади аудити самаранокӣ хулосаҳои дахлдор ташаккул ёфта, бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад:

- хусусият ва дараҷаи муҳим доштани тамоилҳои мавҷуда ва ошкоргардидаи натиҷаҳои воқеии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва ё фаъолияти объекти аудит нисбат ба меъёрҳои арзёбии самаранокӣ, ки дар барномаи аудити самаранокӣ муқаррар карда шудааст;
- сабабҳои камбудиҳои ошкоршуда, ки ба ғайрисамаранок истифодабарии воситаҳои давлатӣ мусоидат намудааст ва оқибатҳои имконпазири он;
- нишон додани шахсони мансабдори масъул, ки камбудиҳои ошкор гардида ба ваколати онҳо дохил мешавад;
- арзёбии умумии дараҷаи самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ бо назардошти мақсадҳои аудити самаранокӣ.

Хулосабарорӣ вобаста ба мутобиқат доштани натиҷаҳои воқеии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ё фаъолияти объектҳои аудит бо меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии

самаранокӣ дар шакли озод (ихтиёрӣ) дар асоси ҳуҷҷатҳои корӣ оид ба гузаронидани аудити самаранокӣ, омода карда мешавад.

7.3. Дар сурати ба даст овардани ин ё он нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ё ошкор намудани масъалаҳои ҳалталаб дар рафти аудит, ки аз нуқтаи назари меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ онҳо имконнопазир аст, мавриди омӯзиши иловагӣ қарор додани ин масъала ҳатмӣ буда, дар рафти он муайян намудани ҳолатҳои зерин зарур аст:

- муайян намудани ҳолати хусусияти тасодуфӣ доштани нишондиҳандаҳои мазкур ва ё шаҳодати ҷой доштани масъалаҳои ҳалталаби умумӣ ва ё силсилавӣ дар соҳаи аудитшаванда ё фаъолияти объекти аудит ҳисоб ёфтани он;
- арзёбии таъсири воқеӣ ва ё эҳтимолии масъалаи ҳалталаби мазкур ба натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ё фаъолияти объекти аудит;
- бо мақсади омода намудани пешниҳод ҷиҳати ҳалли масъалаҳо, муқаррар намудани сабабҳои ҷой доштани камбудиҳои масъалаи ҳалталаби мазкур;
- таҳлили имконияти бартараф намудани масъалаи ҳалталаби ошкоршуда аз ҷониби худи объекти аудит, чунки он метавонад натиҷаи амал ва ё ҳолатҳое бошад, ки аз объекти аудит вобастагӣ надорад;
- муҳокима намудани масъалаи ҳалталаби мазкур бо коршиносон (экспертҳо) ва роҳбарияти объекти аудит;
- дар ҳолатҳои зарурӣ ҷамъ овардани маводҳои иловагӣ.

Дар асоси таҳлили маводҳои иловагии ҷамъовардашуда хусусият, аҳамият ва сабабҳои масъалаҳои ҳалталаби ошкоргардида муайян карда шуда, ин ҳолат дар хулосаҳо аз натиҷаи аудит ифода карда мешаванд.

Дар сурати огоҳӣ доштани роҳбарияти объекти аудит дар бораи ҷой доштани чунин масъалаҳои ҳалталаб ва андешидани чораҳо вобаста ба бартараф намудани онҳо, ҳолати мазкур зимни ташаккули хулоса бояд ба инобат гирифта шуда, ба таври дахлдор дар ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ ифода карда шавад.

## §2. Тавсияҳо

7.4. Омода намудани тавсияҳо чорабинии интиҳоии ташаккули натиҷаҳои аудити самаранокӣ ба шумор рафта, дар сурати ошкор гардидани камбудиҳо дар ҷараёни аудит ва ба имконияти ба таври ҷиддӣ баланд намудани сифат ва натиҷаи фаъолияти объектҳои аудит далолат намудани хулосаҳои баровардашуда, омода намудани пешниҳоди дахлдор ҷиҳати андешидани чораҳо вобаста ба бартараф намудани ин камбудиҳо зарур буда, ҳолати мазкур дар ҳисобот аз

натиҷаи аудити самаранокӣ ифода карда мешавад.

Инчунин қонеъкунанда ва мутобиқат доштани натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ё фаъолияти объектҳои аудит ба меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ маънои онро надорад, ки ҷиҳати нисбатан истифодабарии самараноки воситаҳои давлатӣ тамоми имкониятҳои ҷойдошта истифода гардидааст. Бинобар ин, дар асоси хулоса ва натиҷагириҳо пайдо намудани имконияти мазкур ва таҳияи тавсияи дахлдор вобаста ба мукаммал гардонидани фаъолияти объектҳои аудит бо мақсади баландтар бардоштани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ зарур мебошад.

7.5. Мазмуни тавсия бояд ба мақсадҳои пешбинишудаи аудити самаранокӣ мутобиқат дошта, ба хулосаҳои аз натиҷаи аудити самаранокӣ ташаккулёфта асос ёфта бошад. Тавсияҳо бояд тавре таҳия карда шаванд, ки ба ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат карда тавонад:

- ба бартараф намудани сабабҳои ҷой доштани камбудиҳо ва ё масъалаҳои ҳалталаби ошкоршуда равона гардида бошад;

- ба суроғаи объектҳои аудит, мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, ки иҷрои он ба доираи ваколатҳои онҳо мансуб мебошад, нигаронида шуда бошад;

- ҷиҳати андешидани чораҳои мушаххас аз ҷониби объектҳои аудит вобаста ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда равона гардида бошад;

- иҷрои онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок буда, хароҷот набояд аз фоидаи пешбинишуда зиёд бошад;

- ҷорӣ намудани онҳо барои ба даст овардани фоида равона гардида, имконияти арзёбӣ ва андоза намудани он бошад;

- аз рӯи шакл саҳеҳ ва содда бошад.

7.6. Тавсия бояд ба таври дахлдор ва мушаххас ва бидуни тафсилоти иловагӣ ифода карда шуда, чун қоида дар он ба таври умумӣ масъалаҳои мушаххас дарҷ гардида, шахси мансабдори объекти аудит ҷиҳати ҷалб намудани диққати худ ва баррасии қабули қарори дахлдор бояд чораҳои дахлдор андешад.

Дар тавсияҳо нишон додан ва иҷрои амалҳои зарурӣ аз ҷониби объекти аудит ва ё дигар мақоми болоии он ҷиҳати баратараф намудан ва ҳалли камбудиҳо ва масъалаҳои ҳалталаби ошкоршуда кофӣ буда, дар баробари ин мазмуни он бояд тавре таркиб ѐфта бошад, ки аудити иҷрои он имконпазир бошад.

Масъалаи таҳияи чораҳои мушаххаси амалӣ вобаста ба бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти объектҳои аудит ва баланд

бардоштани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ чун қоида бояд бевосита аз ҷониби роҳбарияти он ҳал карда шавад ҳам, дар баробари ин дар сурати зарурати амалӣ намудани чорабиниҳои аниқ вобаста ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, тавсияҳо бевосита ба роҳбарияти объекти аудит дода мешавад.

7.7. Миқдори тавсияҳо аз рӯи мазмун ва миқёси аудити самаранокӣ муайян карда шуда, зимни омода намудани онҳо дастрасӣ аз қоидаҳои нисбатан беҳтари пешниҳоди тавсияҳои аҳамиятнок буда, диққати истифодабарандагон ва иҷрокунандагонро ба натиҷаҳои калидии аудити самаранокӣ равона сохта тавонад.

§3. Ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ

7.8. Омода ва ба расмият даровардани ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ низ чорабинии хотимавии гузаронидани он ба ҳисоб рафта, тибқи талаботҳои дастурамал, ки сохтор, талабот ба мазмун ва шакли ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокиро муқаррар менамояд, амалӣ карда мешавад.

Ҷиҳати таъмини дахлдори сифати ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ, амалӣ намудани омодагардонии он бо усули пайваста ва бефосила мувофиқи мақсад буда, пеш аз оғози гузаронидани аудит омода намудани тарҳи умумии ҳисобот зарур буда, ба ин ҳолат натиҷаҳои омӯзиши пешакии мавзӯъ ва объектҳои аудит ва барномаи аудити самаранокӣ асос гузошта метавонад.

Вобаста аз ба даст овардани далелҳо ва дарҷ намудани онҳо дар ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои корӣ лоиҳаи ҳисобот бо маводҳои дахлдор пурра гардида, дар интиҳои гузаронидани аудит лоиҳаи пешакии ҳисобот аллакай ташаккул меёбад.

7.9. Натиҷаҳои аудити самаранокӣ дар ҳисобот бояд мувофиқи мақсадҳои пешбинигардида ифода ёфта, дар асоси хулосаҳои баровардашуда ба ҳар як мақсад ҷавоб дода тавонад. Дар ҳисобот дарҷ намудани ҳолатҳои нисбатан муҳим, ки дар бораи ғайрисамаранок истифодабарии воситаҳои давлатӣ шаҳодат медиҳанд, инчунин нишон додани сабабҳои мушаххаси камбудиҳои ошкоршуда ва оқибатҳои эҳтимолии он мувофиқи мақсад мебошад.

7.10. Ҷиҳати арзёбии нисбатан холисонаи натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ дарҷ намудани на танҳо камбудиҳо, инчунин дастовардҳои сазовор дар соҳаи аудитшаванда ва фаъолияти объектҳои аудит, ки маълумотҳои он аз тарафи дигар мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳо барои мукаммал гардонидани фаъолият бо мақсади баланд намудани

самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ истифода шуда метавонанд, бояд ифода карда шавад.

7.11. Дар як вақт бо лоиҳаи ҳисобот лоиҳаи ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки хулосаҳои асосиро аз натиҷаҳои аудити самаранокӣ ва тавсияҳоро вобаста ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дарбар мегирад, инчунин лоиҳаи мактубҳои ахборотӣ ба суроғаи мақомотҳои давлатӣ, ташкилот ва муассисаҳои манфиатдор ба натиҷаҳои аудити самаранокӣ омода карда мешавад.

7.12. Лоиҳаи ҳисобот, тавсия ва мактуби ахборотӣ ба баррасии сараудитори Палатаи ҳисоб ва такмили иловагии он бо назардошти таклифҳои пешниҳодгардида, ҳисоботи ҷамъбастӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таҳиягардида аз натиҷаи аудити самаранокӣ ба баррасии Ҳайати мушовараи исоб ирсол карда мешавад ва баъд аз тасдиқи ҳисобот аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб:

- ирсол намудани ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ирсол намудани пешниҳод ва мактубҳои ахборотӣ ба мақомотҳои дахлдор;
- омода намудани ахборот аз натиҷаи аудити самаранокӣ ва интишори он дар воситаҳои ахбори омма зарур мебошад.

## 8. АМАЛИСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МИНБАЪДА

8.1. Ҳадафи ҳисоботҳои аудиторӣ аз он вобаста аст, ки хизматрасониҳо чӣ гуна таҳия ва ба шаҳрвандон пешниҳод карда мешаванд ва ҳамчунин аз додани тавсияҳое иборат мебошад, ки барои беҳбудии сарфанокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокиии ин хизматрасониҳо мусоидат мекунад. Дар ин фасл талаботҳо оид ба фаъолияти минбаъда ҷой дода шуда, нисбати чӣ гуна анҷом додани фаъолияти минбаъда дар заминаи ҳисоботҳо оид ба аудити самаранокӣ тавсияҳо дода мешавад.

8.2 Фаъолияти минбаъда оид ба натиҷаҳои ҳисоботи аудиторӣ воситаи муҳим барои тақвият додани таъсири аудит ва беҳбуди кори ояндаи марбут ба аудит мебошад. Раванди анҷомдиҳии фаъолияти минбаъда ба амалисозии самараноки натиҷаҳо ва тавсияҳои аудит мусоидат намуда, ҳамчун робитаи бозгашт ба мақоми олии аудит, мақомоти қонунгузор ва ҳукумат оид ба масъалаҳои фаъолияти аудити самаранокӣ ва беҳбудиҳо, ки тавассути объекти аудит ворид карда шудаанд, хизмат менамояд.

8.3 Фаъолияти минбаъда дар заминаи натиҷаҳо ва тавсияҳои

аудит метавонад барои чор ҳадафи асосии зерин ба кор бурда шавад:

- муайян карда шавад, ки объектҳои аудит дар ҷавоб ба натиҷаҳо ва тавсияҳои аудит то кадом андоза тағйирот анҷом доданд;

- муайян кардани оқибатҳое, ки метавонанд ба аудит нисбат дода шаванд;

- муайян кардани соҳаҳое, ки барои фаъолияти минбаъда дар рафти кори оянда муфиду судманд хоҳад буд;

- фаъолияти минбаъда барои арзёбӣ намудани самаранокии фаъолияти мақомоти олии аудит асосро таъмин намуда, метавонад барои боло бурдани сатҳи дониш ва такмили амалия дар мақомоти олии аудит мусоидат намояд. Дар ин робита аудити минбаъдаи ҳисоботҳои аудиторӣ ҳамчунин воситаи хударзёбӣ ва худбаҳодиҳӣ мебошад.

8.4 Ҳангоми амалисозии фаъолияти минбаъда дар заминаи натиҷаҳои ҳисоботҳои аудиторӣ муайян карда мешавад, ки оё чораву тадбирҳо оид ба натиҷаҳои хулосаҳо ва тавсияҳо, ки имкон медиҳанд шароити асоси ислоҳ карда шавад, анҷом гирифтанд ё не. Ин чунин маъно дорад, ки аудитор бояд аксуламали ҳам мусбат ва ҳам манфиро нисбати аудит ва хулосаи аудиторӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад ва муҳим он аст, ки равиши холисонаву беғараз риоя карда шавад.

8.5 Ҳангоми амалисозии фаъолияти минбаъда оид ба натиҷаҳои хулосаи аудиторӣ аудитор бояд таваҷҷуҳи худро ба натиҷаҳо ва тавсияҳое, ки дар лаҳзаи амалисозии фаъолияти минбаъда зарур ва муҳиманд тақвият диҳад. Амалҳои нокифоя ё ғайриқаноатбахши объекти аудит метавонанд гузаронидани аудити иловагиро аз ҷониби мақоми олии аудит талаб кунанд.

8.6 Барои амалисозии фаъолияти минбаъда оид ба натиҷаҳо ва тавсияҳои дарёфтшуда равишҳои зерин мавриди истифода қарор дода мешаванд:

- бо гузашти вақти муайян бо ҷонибҳои масъул мулоқот ташкил кардан лозим аст то муайян карда шавад, ки барои беҳтар кардани самаранокии кор чӣ гуна чораву тадбирҳо анҷом дода шуда, кадоме аз тавсияҳо иҷро гардидаанд;

- аз ҷонибҳои масъул хоҳиш карда шавад, ки тариқи хаттӣ ба мақоми олии аудит оиди чораву тадбирҳои тавассути онҳо анҷомгирифта вобаста ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои дар ҳисоботи аудиторӣ дарҷгардида иттилоъ пешниҳод намоянд;

- барои ҷамъоварии иттилоот оиди амалҳои анҷомдодашуда тавассути объекти аудит, зангҳои телефонӣ ва боздидҳои маҳдудшуда мавриди истифода қарор дода шавад;

- огоҳ будан аз аксуламалҳои ҷонибҳои масъул, мақомоти қонунгузор ва васоити ахбори омма ва таҳлил кардани он, ки оё масъалаҳои ошкоршуда ба таври муносиб ҳаллу фасл гардидаанд ё не;

- дархост намудани аудити молиявӣ барои ҷамъоварии иттилоот дар бораи амалҳое, ки дар доираи тартибу қоидаҳои аудитории онҳо анҷом дода шудааст;

- гузаронидани аудити баъдӣ, ки дар натиҷаи он ҳисоботи нав оид ба аудити самаранокӣ таҳия карда хоҳад шуд.

8.7 Равишҳои татбиқшаванда ба афзалиятҳое, ки аз ҷониби мақомоти олии аудит дар раванди банақшагирии стратегӣ ва ҳарсолаи аудити самаранокӣ муқаррар гардидаанд, вобаста мебошад. Онҳо ҳамчунин ба муҳим будани камбудиҳои ошкоршуда, чораву тадбирҳои интизоршуда оид ба амалисозии онҳо ва таваҷҷуҳи берунӣ ба иттилоот оид ба чораву тадбирҳои анҷомгирифта вобаста мебошанд.

8.8 Новобаста ба он, ки кадом равиш истифода мешавад, натиҷаҳои фаъолияти минбаъда бояд ба таври муносиб пешниҳод карда шаванд, то ки робитаи бозгашт ба мақомоти қонунгузор таъмин гардад. Амалияи маъмулӣ ин аст, ки ҷонибҳои масъул ё мақомоти қонунгузор дар бораи камбудиҳо ва беҳбудиҳое, ки дар рафти аудити баъдӣ ошкор шудаанд, хабардор карда мешаванд.

8.9 Фаъолияти минбаъда метавонад бо тартиби инфиродӣ ё ба шакли ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод карда шавад. Агар якчанд чораҳои минбаъда якҷоя пешниҳод гардида бошанд, онҳо метавонанд таҳлили аудитҳои гуногунро, эҳтимолан ба бо ҷудо намудани тамоюлҳои умумӣ ва мавзӯъҳо дар як қатор соҳаҳои ҳисобот дар бар гиранд. Дар ҳар ҳол, ҳисоботи баъдӣ бояд мутаносиб бошанд ва натиҷаҳо ба таври воқеӣ ва одилона пешниҳод карда шаванд.

ЗАМИМАИ №1
ба Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ

# Т А Р Т И Б И

амал намудан дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани аудити самаранокӣ

| А | Омӯзиши пешакӣ |
|---|---|
| 1 | Ба расмият даровардани фармоиши дахлдор дар бораи гузаронидани аудити самаранокӣ |
| 2 | Ба расмият даровардани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи гузаронидани аудити самаранокӣ |

| | |
|---|---|
| 3 | Тартиб додани нақшаи омӯзиши пешакӣ, ки бояд дорои нишонаҳои зерин бошад:<br>- номгӯи объекте, ки мавриди омӯзиш қарор дода мешавад;<br>- саволҳои мушаххас вобаста ба омӯзиши фаъолияти ҳар як объекти аудит;<br>- сарчашмаҳои ба даст овардани маълумотҳо;<br>- мӯҳлати омӯзиш;<br>- тақсимоти кормандони масъул вобаста ба савол ва объектҳои мушаххаси омӯзишӣ;<br>- мӯҳлатҳои аз ҷониби кормандони масъул пешниҳод намудани маводҳои омӯзишӣ ва омода намудани ҳисобот аз натиҷаи омӯзиши пешакӣ |
| 4 | Ташкил намудани бастаи ҳуҷҷатҳои корӣ (файл) ҷиҳати мураттаб сохтани маълумотҳои ҷамъоварӣ шуда, дар ҷараёни аудити самаранокӣ |
| 5 | Гузаронидани ҷаласаҳои корӣ бо кормандони масъули иҷрокунанда ва муҳокимаи масъалаҳои ташкили аудити самаранокӣ |
| 6 | Омода ва ирсоли хабарнома (огоҳинома) ба объектҳои аудити самаранокӣ дар бораи гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, инчунин ирсоли дархост оид ба пешниҳоди маълумоти зарурӣ |
| 7 | Таъсис додани гурӯҳи коршиносони (экспертҳои) берунаи ҷалбшаванда ва ба тасвиб расонидани шартнома (қарордод) бо |

| | |
|---|---|
| | онҳо, муайян намудани доираи шахсони асосии манфиатдор, ки бо онҳо дар муносибат қарор доштан зарур мебошад. Аз ҷумла:<br>- роҳбарият ва мутахассисони вазорату идораҳо;<br>- аъзоѐн ва кормандони дастгоҳҳои кумита ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- шахсони иртиботдор дар мақомотҳои минтақавии ҳокимияти иҷроия;<br>- роҳбарият ва мутахассисони объектҳои аудит. |
| 8 | Дар ҳолатҳои зарурӣ омода намудани ҷадвали сафарҳои хизматӣ ҷиҳати омӯзиши объектҳои аудит ва ба расмият даровардани шаҳодатномаҳои сафари хизматӣ |
| 9 | Тибқи нақша амалӣ намудани ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои зарурӣ дар бораи мавзӯъ ва фаъолияти объектҳои аудити самаранокӣ, ки ҳолатҳои зеринро бояд дар бар гирифта бошад:<br>- қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;<br>- шаклҳо ва самтҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ;<br>- ҳисоботҳо ва нақшаҳои корӣ;<br>- сохтори ташкилӣ ва шароити фаъолияти объектҳои аудит;<br>- натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ;<br>- хавфҳои асосӣ;<br>- сохтор ва механизми назорати дохила |
| 10 | Муайян намудани ақида ва ба даст овардани машварати шахсони асосии манфиатдор оид ба масъалаҳои ҳалталаби ба мавзӯи аудити самаранокӣ алоқаманд |
| 11 | Аз рӯи имкон гузаронидани вохӯриҳо бо роҳбарият ва мутахассисони объекти аудит, ки дар рафти он:<br>- вобаста ба мавзӯъ ва вақти аудити ба нақша гирифташуда ба онҳо маълумоти дахлдор пешниҳод карда мешавад;<br>- масъала ва саволҳое, ки дар фаъолияти ташкилот калидӣ ба ҳисоб мераванд, муайян карда мешаванд;<br>- ақидаи роҳбарият ва мутахассисони объекти аудит вобаста ба хавфҳо ва масъалаҳои ҳалталаби дар назди онҳо қарор дошта ба даст оварда мешавад;<br>- сарчашмаҳои муқаррар намудани меъёрҳо ва имконияти татбиқи онҳо ҷиҳати арзёбии самаранокӣ дар доираи аудити самаранокии мазкур мавриди муҳокима қарор дода мешавад. |
| 12 | Омода намудани маълумотнома аз натиҷаи омӯзиши мавзӯъ ва |

| | |
|---|---|
| | объектҳои аудити самаранокӣ, ки хусусият ва тавсифи масъалаҳои зеринро дар бар гирифтааст:<br>- мавзӯи аудит ва ҳолати аз ҷиҳати қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор доштани он;<br>- иҷрои вазифаҳо ва амалӣ гардидани самтҳои асосии фаъолияти объектҳои аудит;<br>- ноил гардидан ба мақсадҳо ва натиҷаҳои ба нақша гирифташуда дар соҳаи аудитшаванда ва фаъолияти объектҳои аудит;<br>- ҷой доштани хавфҳои дохилӣ ва берунӣ;<br>- мақсадҳои имконпазир ва масъалаҳои эҳтимолии аудит;<br>- меъёрҳои фарзияшудаи арзёбии самаранокӣ;<br>- муносибат вобаста ба интихоби гузаронидани аудити самаранокӣ ва усулҳои ҷамъ овардани нишондиҳанда ва маълумотҳои воқеӣ;<br>- камбудӣ ва масъалаҳои ҳалталаби имкондошта. |
| 13 | Муайян намудани ақидаи роҳбарияти объекти аудит вобаста ба меъёрҳои интихобгардида ҷиҳати арзёбии самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар самти мақсадҳои аудити самаранокии мазкур |
| 14 | Омода ва тасдиқ намудани барномаи гузаронидани аудити самаранокӣ, ки бояд дорои мазмуни зерин бошад:<br>- асосҳо барои гузаронидани аудити самаранокӣ;<br>- мавзӯи аудити самаранокӣ;<br>- номгӯи объектҳои аудити самаранокӣ;<br>- даврае, ки таҳти аудит қарор дода мешавад;<br>- мӯҳлати гузаронидани аудити самаранокӣ;<br>- мақсади аудити самаранокӣ бо назардошти номгӯи масъалаҳо ва меъёрҳои арзёбии самаранокӣ вобаста ба ҳар як масъалаи аудитшаванда;<br>- тавсифи кутоҳи усулҳои гузаронидани аудит ва ҷамъ овардани нишондиҳандаҳои воқеӣ ҷихати ба даст овардани далелҳо;<br>- ҳайати иҷрокунандагони масъул;<br>- мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳо аз натиҷаи аудити самаранокӣ ҷиҳати баррасии он аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб |
| 15 | Омода намудани нақшаи кории гузаронидани омӯзиш ва таҳлил бо назардошти:<br>- номгӯи объектҳои аудити самаранокӣ;<br>- саволҳои омӯзиш ва таҳлил дар ҳар як объекти аудит бо нишон |

| | |
|---|---|
| | додани масъулини иҷро, мӯҳлати гузаронидан ва пешниҳоди натиҷаҳои он;<br>- сарчашмаҳо ва усулҳои ҷамъ овардани нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ба даст овардани иттилоот |
| 16 | Омода намудани ҷадвали сафарбарнамоии гурӯҳи корӣ ба объектҳои аудит ва ба расмият даровардани шаҳодатномаҳои сафари хизматӣ |
| 17 | Гузаронидани ҷаласаи кории гурӯҳи кормандон ва коршиносони (экспертҳои) беруна ва мавриди муҳокима қарор додани масъалаҳои гузаронидани аудит |
| Б | Гузаронидани аудит дар объектҳо, ҷамъ овардан ва таҳлили нишондиҳанда ва иттилоотҳои воқеӣ |
| 18 | Амалӣ намудани аудит, ҷамъоварӣ намудани нишондиҳандаҳои воқеӣ тибқи усулҳои интихоб гардида |
| 19 | Ҷиҳати ташаккул ёфтани далелҳо гузаронидани таҳлили иттилооти ҷамъ оварда шуда |
| 20 | Ба расмият даровардани ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои корӣ аз натиҷаи аудит ва таҳлили маълумот дар объектҳо |
| В | Омода ва ба расмият даровардани ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ |
| 21 | Омода намудани хулоса вобаста ба мутобиқат доштани нишондиҳандаҳои воқеӣ аз натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар соҳаи аудитшаванда ва фаъолияти объекти аудит, ки дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлил ба даст оварда шудааст, ба меъёрҳои тасдиқгардидаи арзёбии самаранокӣ |
| 22 | Дар ҳолатҳои зарурӣ бо мақсади аниқ намудан ва ё асоснок кардани далелҳо ба таври иловагӣ амалӣ намудани ҷамъ овардан ва тахлили нишондиҳандаҳои воқеӣ |
| 23 | Муайян намудани сабаб ва омилҳои пайдоиши камбудию норасогихо ва масъалаҳои ҳалталаби ошкоргардида дар соҳаи аудитшавандаи истифодабарии воситаҳои давлатӣ ва фаъолияти объектҳои аудит ва таҳия намудани хулосаҳо вобаста ба ҳар як мақсади аудити самаранокӣ |
| 24 | Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ омода намудани тавсияҳо вобата ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои дар натиҷаи аудит ошкор гардида |
| 25 | Омода намудани ҳисоботи пешакӣ аз натиҷаҳои аудити самаранокӣ ва муҳокимаи он дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ ва |

| | |
|---|---|
| | коршиносони (экспертҳо) беруна |
| 26 | Ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба лоиҳаи ҳисоботи пешакӣ вобаста аз натиҷаи муҳокимаи он |
| 27 | Омода намудани лоиҳаи ҳисобот, тавсия (пешниҳод) ва мактубҳои ахборотӣ вобаста ба натиҷаи аудити самаранокӣ |
| 28 | Пешниҳод намудани лоиҳаи ҳисобот, тавсия (пешниҳод) ва мактуби ахборотӣ ба баррасии сараудитори Палатаи ҳисоб ва такмили иловагии он бо назардошти таклифҳои пешниҳодгардида |
| 29 | Пешниҳоди ҳисоботи ҷамъбастӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таҳиягардида аз натиҷаи аудити самаранокӣ ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб |
| 30 | Баъд аз тасдиқи ҳисобот аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:<br>- ирсол намудани ҳисобот аз натиҷаи аудити самаранокӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- ирсол намудани пешниҳод ва мактубҳои ахборотӣ ба мақомотҳои дахлдор;<br>- омода намудани ахборот аз натиҷаи аудити самаранокӣ ва интишори он дар воситаҳои ахбори омма. |
| 31 | Фаъолияти минбаъда бо чӣ бояд анҷом гирад |
| 32 | Самтҳои асосии фаъолияти минбаъда |
| 33 | Фаъолияти минбаъда чӣ гуна бояд амалӣ шавад |
| 34 | Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти минбаъда чӣ гуна бояд хабар дод |
| | |